## Оё шумо мехоҳед донишу малакаи муҳими замонавии худро рушд дода, омӯхта дар сафи мутахасисони беҳтарин бошед? Пас ин омӯзиши ройгон барои шумост!

Ташкилоти Байналмиллалии Агроаксияи Олмон (WHH Germany) ва ТҶХ "Барги Сабз", дар доираи лоиҳаи TJK-1163 "Таҳияи заминаҳо барои густариши васеи навовариҳои энергетикӣ дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон ва Қирғизистон", ки аз ҷониби Агентии Олмон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (GIZ) маблағгузорӣ мешавад, ҳамаи мутахассисони манфиатдорро (аз ҷумлаи барқчиён, муҳандисон ва банақшагирандагонро дар Тоҷикистон) ба омӯзиши сертификатсияшуда дар мавзӯъҳои "Насби системаҳои фотоэлектрикӣ ва системаҳои насосии офтобӣ" барои барқчиён ва "Банақшагирӣ ва тарҳрезии системаҳои насосии фотоэлектрикӣ ва офтобӣ" барои муҳандисон ва банақшагирандагон даъват мекунанд.

**Омӯзиши 1:** Омӯзиши амалӣ оид ба насби энергияи офтобӣ (давомнокӣ 4 рӯз):

- Рӯзи 1: Асосҳои системаи офтобӣ ва бехатарӣ;
- Рӯзи 2:  Системаҳои фотоэлектрикӣ берун аз шабака;
- Рӯзи 3: Системаҳои фотоэлектрикӣ дар дохили шабака ва гибридӣ;
- Рӯзи 4: Системаҳои насосҳои офтобӣ / Ба истифода додан, озмоиш ва хизматрасонӣ.

*Шарҳ: Ин омӯзиш барои барқчиёни соҳибихтисос ё шахсоне пешбинӣ шудааст, ки таҷрибаи амалии тӯлонии насби барқро доранд. бояд дар ш. Душанбе, в. Суғд, Хатлон ва ВМКБ бояд баргузор шавад. Дар Душанбе якчанд ҷойҳо мавҷуданд. Дар минтақаҳо танҳо як омӯзиш баргузор мешавад. Ҷойҳои нишаст барои ин тренинг маҳдуданд, аз ин рӯ интихоби номзадҳо аз рӯи салоҳдиди ташкилкунандагон анҷом дода мешавад.*

**Омӯзиши 2:** Тарҳрезии / банақшагирии системаи офтобӣ (10 рӯз):

- Рӯзи 1: Шарҳи мухтасари системаҳои фотоэлектрикӣ ва асосҳои банақшагирӣ;
- Рӯзи 2: Принсипҳои электрофизикӣ;
- Рӯзи 3: Васлкунии механикии системаҳо ва тарҳрезии сохторӣ / Муқаддима ба нармафзори банақшагирии OpenSolar;
- Рӯзи 4: Бехатарӣ, хати заминсозӣ ва муҳофизат аз раъду барқ;
- Рӯзи 5: Арзёбии сарборӣ ва андозагирии система;
- Рӯзи 6: Системаҳои шабакаи маҳаллӣ (бо тамаркуз ба истеъмоли худӣ) / иқтисодиёти система, самаранокӣ ва бозгашти сармоягузорӣ бо истифода аз нармафзори банақшагирии OpenSolar;
- Рӯзи 7: Қоидаҳо, ҳуҷҷатгузорӣ ва ба истифодадиҳӣ;
- Рӯзи 8: Тарҳрезии системаи насоси офтобӣ;
- Рӯзи 9: Боздиди саҳроӣ ва як рӯзи амалӣ;
- Рӯзи 10: Тарҳи ниҳоии лоиҳа.

*Шарҳ: Ин омӯзиш барои муҳандисон ва барқчиҳои ботаҷриба, ки эҳтимолан дар кори худ дар тарроҳии системаҳои офтобӣ кор мекунанд, пешбинӣ шудааст. Барои омӯзиш, иштирокчиён бояд ноутбуки худро биёранд ва қобилияти кор ҳадди аққал бо нармафзори (программное обеспечение) забони англисӣ дошта бошанд, гарчанде ки малакаҳои забони англисӣ шарт нестанд. Ҷойҳои нишаст барои ин тренинг маҳдуданд, аз ин рӯ интихоби номзадҳо аз рӯи салоҳдиди ташкилкунандагон анҷом дода мешавад.*

Ҳуҷҷатҳои лозима барои иштирок:

- Саволномаи пуркардашуда (саволнома замима шудааст);
- Сертификат ва ё ҳуҷҷати тасдиққунандаи ихтисос.

Хоҳишмандон метавонанд ҳуҷҷатҳои худро барои иштирок дар омӯзиш ба суроғаи зерин ирсол намоянд **ш. Душанбе к. Айнӣ 371** ё ба почтаҳои электронии зерин greenleaf.tj@gmail.com / farrukh.kasimov@bargisabz.org ва ё тариқи рақамҳои зерин маълумоти пурраро дастрас намоянд **(+992) 888800943**.

**Шарҳ: Омӯзиши зерин пурра ройгон аст ва иштирокчиён танҳо барои роҳкиро маблағи худро сарф менамоянд. Илова бар нақлиёт, агар онҳо мустақиман аз макони омӯзиш набошанд, аз омӯзандагон интизор меравад, ки манзили худро низ ташкил кунанд. Барои рӯзҳои кории аз даст рафта ҷубронпулӣ пардохт карда намешавад. Дар давраи омӯзишӣ хӯрок ва хӯроки сабук ройгон пешниҳод карда мешавад.*

*Ҳарду намуди омӯзиш дар моҳҳои январ ва феврали соли 2026 ба нақша гирифта шудаанд. Санаҳои дақиқи омӯзиш дар охири моҳи декабр эълон карда мешаванд.*

# Саволнома

Иштирокчии мӯҳтарам! Лутфан, ин варақаро пур кунед. Ҷавобҳои Шумо ба мо кӯмак мекунанд, ки таҷрибаи кории Шумо, ҳадафҳои иштирок ва интизориҳои Шуморо аз ин тренингҳо беҳтар дарк намоем.

## 1. Маълумоти шахсӣ

- **Ном, насаб:** ________________________________________________
- **Санаи таваллуд:** ____________________________________________
- **Суроға / ҷои истиқомат:**_____________________________________
  ______________________________________________________________
- **Рақами телефон(ҳо):** ________________________________________
- **Почтаи электронӣ:** __________________________________________

## 2. Собиқаи корӣ ва таҷриба

- **Оё Шумо дар соҳаи энергия офтобӣ ё соҳаҳои марбут ба он таҷриба доред?**
  ☐ Ҳа ☐ Не
  Агар ҷавоби Шумо **Ҳа** бошад, таҷрибаи худро шарҳ диҳед (насб, хизматрасонӣ, дизайн, омӯзиш ва ғайра):
  ______________________________________________________________
  ______________________________________________________________

| Номи муассиса / корхона | Таҷрибаи корӣ (моҳ, сол) |
|---|---|
| 1. | Аз_________ то_________ |
| 2. | Аз_________ то_________ |
| 3. | Аз_________ то_________ |
| 4. | Аз_________ то_________ |

- **Оё айни ҳол дар ин соҳа кор мекунед?**
  ☐ Кор мекунам ☐ Худкор ☐ Дар ин соҳа кор намекунам
  Агар ҷавоби Шумо **Ҳа** бошад, ҷои кор/навъи фаъолиятро нишон диҳед:
  ______________________________________________________________
  ______________________________________________________________

## 3. Ҳадафи иштирок дар омӯзиш

**Шумо дар кадом омӯзиш иштирок карадниед? Лутфан номи омӯзишро қайд намоед!**

**Омӯзиши 1:** Омӯзиши амалӣ оид ба насби энергияи офтобӣ ☐
**Омӯзиши 2:** Тарҳрезии / банақшагирии системаи офтобӣ ☐

**Чаро мехоҳед дар ин омӯзиш иштирок кунед?** (Лутфан 5–10 ҷумла нависед.)

______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________

## 4. Дониши забонҳо

Лутфан сатҳи донишро қайд кунед:

- **Тоҷикӣ:** ☐ Ибтидоӣ ☐ Миёна ☐ Озод
- **Русӣ:** ☐ Ибтидоӣ ☐ Миёна ☐ Озод
- **Англисӣ:** ☐ Ибтидоӣ ☐ Миёна ☐ Озод
  *(Забони англисӣ муфид аст, вале **ҳатмӣ нест**.)*

---

## 5. Дастрасӣ барои омӯзиш (дар моҳҳои Январ – Феврали 2026)

Лутфан ҳафтаҳое, ки **дастрас** ҳастед, қайд намоед.

### Январи 2026

| **Ҳафта** | **Рӯзҳо** | **Дастрас** |
|---|---|---|
| Ҳафтаи 1 | 5–9 январи 2026 | ☐ Ҳа |
| Ҳафтаи 2 | 12–16 январ | ☐ Ҳа |
| Ҳафтаи 3 | 19–23 январ | ☐ Ҳа |
| Ҳафтаи 4 | 26–30 январ | ☐ Ҳа |

### Феврали 2026

| **Ҳафта** | **Рӯзҳо** | **Дастрас** |
|---|---|---|
| Ҳафтаи 6 | 2–6 феврал | ☐ Ҳа |
| Ҳафтаи 7 | 9–13 феврал | ☐ Ҳа |
| Ҳафтаи 8 | 16–20 феврал | ☐ Ҳа |
| Ҳафтаи 9 | 23–27 феврал | ☐ Ҳа |

---

## 6. Шарҳҳои иловагӣ (ихтиёрӣ)

---

---

Ташаккур барои ҷавобҳоятон!
Маълумоте, ки Шумо дар саволнома қайд кардаед, танҳо барои таҳлил истифода мешавад ва ба шахсони сеюм интиқол дода намешад.